# Шарҳи моҳонаи таваррум • Ноябри 2021

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи ноябри соли ҷорӣ 1,2 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба моҳи гузашта 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд ва ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,6 б.ф. паст мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯроквории 1,3 фоиз (саҳм дар таваррум 0,7 б.ф.), арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 2,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,4 б.ф.) ва молҳои воридотии ғайрихӯрокворӣ ба андозаи 0,3 фоиз (0,1 б.ф.) ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум 1,3 фоиз, гӯшти гов ва гӯшти гӯсфанд 0,3 фоизӣ, шир 2,4 фоиз, равғани пахта 1,4 фоиз, равғани офтобпараст 0,7 фоиз, шакар 0,5 фоиз, тухм 0,9 фоиз, картошка 7,4 фоиз, пиёз 5,9 фоиз, помидор 53,7 фоиз ва бодиринг 43,9 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи сабзӣ -23,5 фоиз, биринҷ -3,3 фоиз, лиму -11,3 фоиз ва лубиё -1,6 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Раванди афзоишёбии нарху тарифаҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар моҳи ҳисоботӣ бештар дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии нақлиёт ба андозаи 9,9 фоиз (бахусус хизматрасонии нақлиёти мусофирбар 11,3 фоиз) вобаста ба болоравии нархи маводи сӯзишворӣ дар моҳҳои қаблӣ ба вуқӯъ пайваст.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, бештар қиматшавии нархи маводи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ бинобар идома ёфтани болоравии нархи нафт дар ҷаҳон ва кишварҳои содиркунанда 2,1 фоиз (бахусус нархи сӯзишвории дизелӣ 6,4 фоиз ва бензини навъи АИ-92 7,4 фоиз)-ро ташкил дод. Инчунин, дар ин давра болоравии нархи маҳсулоти доруворӣ 0,4 фоиз ва либосу пойафзол 0,3 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи бензини АИ-92 ва гази моеъ, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**Таварруми солона дар моҳи ноябри соли 2021 ба 8,0 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,8 б.ф. кам мебошад.** Мавриди зикр аст, ки раванди тағйирёбии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби омилҳои дорои хусусияти таклифотӣ, мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ба амал омад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи ноябри соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 1,4 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайриҳӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумй солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | | | | 2021 | | | | | Ноябр тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,9** | **9,4** | **9,6** | **8,7** | **8,0** | **1,2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **9,0** | **7,4** | **1,4** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 5,2 | 2,1 | 0,3 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -6,3 | -7,3 | -3,3 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,7 | 4,5 | 1,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,3 | 15,7 | 0,3 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 17,9 | 17,9 | 2,6 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -9,6 | -12,0 | 0,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 9,1 | 8,5 | 0,0 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 7,7 | 8,0 | 0,0 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 40,6 | 27,6 | 0,0 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -7,3 | -3,0 | 0,3 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 7,9 | 12,3 | 0,4 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 6,6 | 4,3 | -0,2 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | 0,0 | -0,5 | -0,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,5** | **3,3** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **3,1** | **3,1** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **8,1** | **7,5** | **1,2** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 3,5 | 2,6 | 0,9 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 4,9 | 4,5 | 0,3 |
| Моводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,5 | 3,1 | 0,3 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -1,0 | -1,0 | 2,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 65,6 | 68,7 | 3,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 13,4 | 7,4 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 2,7 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 3,5 | 2,5 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **9,3** | **11,8** | **6,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 15,0 | 14,3 | 0,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 71,8 | 67,7 | 0,0 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 11,4 | 22,4 | 0,0 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 7,8 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 4,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 3,7 | 2,6 | 2,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо